# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)**

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот пайдоиш ва такомули технология ва барномаҳои компютериро раванди ҷаҳонишавиро таъмин намуда, зарурати истифодаи он дар раванди кори таълиму тарбия ва ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, аз он ҷумла муассисаҳои таълимии томактабӣ талаботи пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Бояд зикр кард, ки дар шароити ба миён омада талаботи ичтимоӣ ба ташкили корҳои мақсаднок оид ба технология ва барномаҳои компютерӣ дар раванди ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ба вуҷуд меояд.

Муассисаҳои томактабӣ ҳамчун зинаи аввали таҳсилот бо истифодаи технология ва барномаҳои компютерӣ дар рушду инкишофи соҳаи номбурда ва ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакон нақши муҳим доранд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, масъалаи асосии таҳқиқот, асоснокии методологию назариявии таҳқиқот, объект, предмет, мақсад, вазифаҳо ва фарзияҳои кори таҳқиқотӣ таъкид гардида, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор муайян карда шудааст, маълумот дар бораи санҷидани дурустии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шуда, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшаванда баррасӣ гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Заминаҳои назариявӣ-педагогии таълим ва тарбияи кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ» масъалаҳои таснифоти психологӣ - педагогии кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ, нуқсони нутқии алалия дар кӯдакони синни томактабӣ - объекти педагогӣ-психологӣ ва асосҳои назариявӣ-педагогии истифодаи технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ дар таълими кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабиро дар бар мегирад.

Боби дувум «Шароитҳои озмоиши истифодаи технологияҳои компютерӣ дар корҳои ислоҳӣ-логопедӣ бо кудакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ» буда, доир ба масъалаҳои асосҳои корҳои коррексионию логопедӣ дар раванди таълими кӯдакони синни томактабии имконияти маҳдуддошта, мақсад ва вазифаҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ дар раванди корҳои ислоҳӣ-педагогӣ, барномаҳои компютерӣ ва тарзи истифодабарии онҳо дар таълими кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқидошта дар мисоли алалияро натичагирӣ мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки маводи дар кори таҳқиқотӣ гирдовардашуда хеле ҷолиб мебошанд, мазмун ва муҳтавои он ба мавзуи интихобкардаи муҳаққиқ мувофиқ аст. Дар баробари дастовардҳои дар автореферат зикргардида мо хостем таваҷҷуҳи диссертантро ба баъзе масъалаҳо ҷалб созем:

1. Хуб мегардид агар барои мураббиён, волидон ва кӯдакон аз ҷониби масъулини соҳа қоидаҳои кор бо барномаҳои компютерӣ дар шакли дастури таълимӣ таҳия мегардид.
2. Дар рисола ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, пешниҳоди зикргардида ба ҷиҳатҳои илмии кори таҳқиқотӣ таъсир надошта, хусусияти тавсиявӣ дорад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» кори

таҳқиқотии баанҷомрасида махсуб ёфта, ҷавобгӯи талабот ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) мебошад.

Номзади илмхои педагогӣ, омӯзгори калони
кафедраи педагогика ва психологияи
Коллеҷи омӯзгории ба номи
Хосият Махсумоваи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Асадуллоев Р.Д.

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи. С. Айнӣ 73; Тел: 905054150;

Имзои Асадуллоев Р.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Коллеҷи омӯзгории ба номи
Хосият Махсумоваи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Наҷмиддинов Ш.М